**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 327.74 + 323 (575.3)**
**ТКБ: 66.01+66.7 (2 тоҷик)**
**Ҳ-85**

**ҲОШИМОВА НАРГИСА АБДУҶАББОРОВНА**

# ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ: ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Акмалова Мунира Абдунабиевна** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, декани факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Набизода Ваҳҳоб Машраб** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”<br>**Исаев Умедҷон Убайдуллоевич** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ |

Ҳимояи диссертатсия «9» феврали соли 2024, соати «13 $^{00}$» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. (+992) 919-60-69-66 баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар вебсайти www.tnu.tj ва Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо суроғаи 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» __________соли 2024 фиристода шуд.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих — З.И. Акрамӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносони соҳаҳои мухталифи илмҳои иҷтимоӣ, бахусус сиёсатшиносӣ ба масъалаи ҷомеаи шаҳрвандӣ беш аз пеш меафзояд. Хусусан, даҳсолаҳои охир масъалаи ташаккулу инкишоф ва паҳлуҳои мухталифи фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ба яке аз мавзуъҳои пурбаҳстарин дар назарияи сиёсӣ ва сиёсати амалӣ табдил ёфтааст. Албатта, чунин ҳолат тасодуфӣ намебошад ва он аз сиришти инсоният баҳри бунёди ҷомеаи одил ва идораи хубу самарабахш бармеояд. Ҳамчунин болоравии таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ аз гузариши инсоният ба марҳалаи нави рушду инкишофи худ вобаста аст, ки на танҳо бо густариши инқилоби илмию техникӣ, балки бо болоравии нақши ниҳодҳои демократии ҷомеа низ алоқаманд мебошад. Дар шароити имрӯза дар кишварҳои пасоиндустриалӣ тамоюли афзоиши нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан, дар соҳаи сиёсӣ ба таври равшан зуҳур ёфтааст. Аз ин рӯ, масъалаи рӯоварии кишварҳои дигар ба ин таҷриба ва, хусусан, ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлатҳои тозаистиқлол таваҷҷуҳи муҳаққиқони илмҳои иҷтимоӣ ва хоссатан коршиносони соҳаи сиёсиро ба худ ҷалб намудааст. Аз он ҷумла, муҳиммияти нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди сиёсии кишварҳои пасошуравӣ яке аз мавзуъҳои баҳсталаб дар байни муҳаққиқон гардидааст. Паҳлуҳои мухталифи ин масъала, хусусан муҳиммияти нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди системаи сиёсии ҷомеа ва таҳкими низоми демократӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони илмҳои сиёсӣ мавриди баррасӣ ва натиҷагириҳои сатҳи гуногун гардидааст. Дар шароити имрӯза системаи сиёсии демократӣ ҳамчун фазое эътироф шудааст, ки дар он инкишофи озодонаи шахс таъмин гардида, риояи воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат дода мешавад. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши масъалаи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамчун механизми муҳимми раванди демократисозии ҷомеа ва таҳкими унсурҳои демократӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ пайдо намудааст.

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои пасошӯравӣ ҳамчун намунаи рушди сиёсӣ ва модернизатсияи сиёсӣ рӯ ба бунёди низоми демократии идоракунӣ оварданд. Хусусан, таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ дар самти бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун намунаи рушд барои давлатҳои тозаистиқлол муқаррар карда шуданд. Онҳо роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро пеш гирифта, асосҳои қонунгузорӣ ва ниҳодии онро ташаккул доданд. Хусусан. дар фазои нави сиёсӣ таваҷҷуҳ ба масъалаи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ боло рафт. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро пеш гирифт. Ҳанӯз дар Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи инкишофи демократӣ ва давлати дунявӣ ҳамчун ҳадафи асосии рушди сиёсии кишвар муқаррар карда шуда буд. Аз ин рӯ, шуруъ аз замони рӯоварӣ ба демократикунонӣ, ки оғози он ҳанӯз ба сиёсати “бозсозӣ” пайванд мехӯрад, таваҷҷуҳ ба бунёди

асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти он падид омад. Раванди мазкур доимо дар инкишоф буда, тадриҷан рушд меёбад ва тавассути ҳалли масъалаҳои гуногун фазои умумии инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳким ва такмил меёбад. Аз ин рӯ, аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мавзуи ташаккулу инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарраи рушди сиёсӣ ва таҳкими низоми демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳо ва арзишҳои ҷомеаи демократӣ тадриҷан таҳким меёбанд. Албатта, дар ин самт нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ назаррас аст. Аз ин рӯ, омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯзаи рушди системаи сиёсии демократӣ дар Тоҷикистон муҳим ва рӯзмарра мебошад. Хусусан, омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ташаккул, инкишоф ва фаъолияти минбаъдаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи илмҳои иҷтимоӣ ба як амри зарурӣ табдил ёфтааст. Бо омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон мо метавонем он ҷиҳатро дарк намуда бошем, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар чӣ нақш ва муҳиммият доранд. Бо дарки хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон арзёбии нақши он дар рушди сиёсии кишвар низ имконпазир мегардад.

Дар шароити имрӯзаи рушди Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун механизм ва унсури муҳимми таҳкими низоми демократӣ ва ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ эътироф шудааст. Хусусан, дар амалияи сиёсии кишвар ба таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолнокии онҳо дар ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи хоса равона мешавад. Аз ин рӯ, масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим дар доираи илмҳои иҷтимоӣ аст. Муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ бештар ба он ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ менамоянд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди сиёсии Тоҷикистон мақоми хоссаеро касб намуда, дар низоми ҳалли масъалаҳо ва зиддиятҳои бунёдии ҷомеа нақши назаррасро анҷом медиҳанд. Хусусан он ҷиҳат бештар мавриди таваҷҷуҳи сиёсатшиносон қарор дорад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушду таҳкими низоми демократӣ ва системаи сиёсӣ нақши муҳиммеро ба иҷро мерасонад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи рушди Тоҷикистон масъалаҳои мухталифи ташаккул, инкишоф ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми таҳқиқоти сиёсӣ ба шумор мераванд. Ҷиҳатҳои зикршуда зарурати таҳқиқи паҳлуҳои гуногун ва нави масъаларо ба миён овардааст, ки то ҳоло дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор нагирифтаанд.

Таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад фаҳмиши дурусти масъаларо ба миён оварад. Яъне, таҳқиқоти соҳаи мазкур на танҳо ба гузориши масъалаҳо мусоидат менамояд, балки ба ҳалли мушкилоти мавҷуда дар самти рушди сиёсию иҷтимоӣ ёрии бевосита мерасонад.

Бинобар ин, таҳқиқи раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани хусусиятҳо, дарёфти муаммо ва масъалаҳои мухталиф дар роҳи рушди муназзами он аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ пайдо намудааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро маҳз ҳамин нукта муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва паҳлуҳои мухталифи он дар шароити имрӯза таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Хусусан, даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ авҷ гирифтааст. Тарафҳои гуногуни масъала мавриди баррасӣ ва таҳлилу натиҷагирии ҳаматарафа қарор дода шудаанд. Дар шароити Тоҷикистон низ баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва рӯоварӣ ба бунёди ҷомеаи демократӣ таваҷҷуҳ ба омӯзиши паҳлуҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ боло рафт. Муҳаққиқон кӯшиш бар он намудаанд, ки ҷиҳатҳои гуногуни ин масъаларо ба риштаи таҳқиқ кашанд. То ба имрӯз дар ин самт корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд.

Масъалаҳои марбут ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳанӯз дар давраҳои қадим мавриди баррасии мутафаккирон қарор гирифтаанд. Асоси пайдоиши мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ"-ро аксари муҳаққиқон бо ибораи "koinonia politike"-и Арасту алоқаманд менамоянд.[1] Таҳқиқи амиқи мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" имконият медиҳад, ки моҳияти иҷтимоиву сиёсӣ, вазифаҳо, хусусиятҳо, меъёрҳо ва ниҳодҳои он ҳамаҷониба баррасӣ гарданд. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои таҳқиқотӣ ва самарабахшии ҷараёни таҳқиқ адабиёти истифодашударо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- таҳқиқоти мутафаккироне, ки дар саргаҳи ташаккули таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор гирифтаанд. Афзалият ба таълимоти он мутафаккироне дода мешавад, ки дар осори хеш мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ", назария ва амалияи таълимоти мазкур, хусусиятҳои асосии онро мавриди баррасӣ қарор дода, онро вобаста ба макон ва замон шарҳу эзоҳ додаанд. Дар ин маврид мо ба осори мутафаккирони барҷастаи соҳаи сиёсии рушди ҷомеа таваҷҷуҳ намудаем. Аз ҷумла, асарҳои Давраи қадим (Афлотун, Арасту, Ситсерон)[2], давраи Эҳё ва Замони нав (Г. Гротсий, Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ж.Ж. Руссо, Ш. Л. Монтескё, В. Гумболдт, И.Кант, Ф.Гегел, Т. Пейн, А. Смит, К.Маркс, А. Грамши, А. Токвил, И. Шумпетер)[3]

---

[1] Тресков, А.П. Гражданское общество: истоки, понятие и признаки [Текст] /А.П.Тресков // Известия Северо-Кавказского региона. Общественные науки. 2012, №1. С. 86-90; Кристалинский, Л.Б., Баранов, С.В. Эволюция политической теории гражданского общества: критический аспект [Текст] /Л.Б. Кристалинский, С.В. Баранов // Известия Иркутского государственного университета. Серия: Политология. Религиоведение. 2014. Т.8. – С. 65-72.

[2] Афлотун Ҷумҳур. [Матн] /Афлотун. – Душанбе, 2011; Аристотель. Политика. [Текст] / Аристотель //Соч. в 4-х томах. - М., 1983. т. 4; Цицерон, М.Т. Диалоги. О государстве. О законах. [Текст] / М.Т. Цицерон. // О государстве, I, XXV. - М., 1966.

3 Гегель, Г.В.Ф. Политические произведения. [Текст] / Г.В.Ф. Гегель. – М., 1978; Гоббс, Т. Левиафан. Соч.: в 2-х т. [Текст] / Т. Гоббс. – М.: Мысл, 1991. – 731 с.; Грамши, А.

ва дигарон мавриди баррасӣ ва хулосагирӣ қарор дода шудаанд. Баррасии таълимоти ин гурӯҳ муҳаққиқон барои дарки мафҳуми "ҷомеаи шаҳрвандӣ" ва навъу шаклҳои зуҳури тарҳи аввалини он муҳим мебошад. Ҳамчунин бо баррасии ин осор мо метавонем тамоюли ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро тӯли рушди таърихии он мушоҳида намоем. Бар замми ин баррасии таълимоти мутафаккирон гуногунии мавқеъгириҳо ва тафсирҳоро ошкор менамояд.

Ҳамчунин ин қисмат андеша ва назариёти мутафаккирони форсу тоҷикро низ дар бораи мавзуи баҳс дарбар мегирад. Мутафаккирони форсу тоҷик дар мавриди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ниҳодҳои он андешаҳои арзишманди иҷтимоиву сиёсӣ иброз намудаанд. Гавҳари андешаҳои Монӣ, Маздаки Бомдод, Муқаннаъ, қарматиҳо, сарбадорон ва дигар шӯришу ҷунбишҳое, ки дар масири таърих арзи ҳастӣ намудаанд, баҳри озодипарастӣ, баробарӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ равона шудаанд. Унсурҳо ва арзишҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик бори аввал дар осори А. Форобӣ инъикос шудаанд. Ақидаҳо оид ба бунёди ҷомеаи озод, босаодат, адолатпеша дар осори ӯ ба таври барҷаста ба назар мерасанд. Мутафаккир зикр менамояд, ки "инсони саодатманди мадинаи фозила" на танҳо анҷомдиҳандаи корҳои наку, балки ӯ вазифадор аст, ки бо ҳамаи монеаҳои пеши роҳи худаш ва ҷамъият, баҳри некуаҳволии умум беамон мубориза барад[1];

- асарҳои муҳаққиқоне, ки бевосита ҷиҳатҳои мухталифи масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои мазкур хосиятҳои назариявӣ ва паҳлуҳои алоҳидаи маконӣ ва замонии ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои ташаккулу рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, унсурҳо ва хосиятҳои он, масъалаҳои зуҳур ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фазои нави инкишофи ҷомеа дода шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқон О.С. Андреева, В.Н. Дохин, Л.Ҷин, Э. Коэн, Э. Арато, И.И. Калной, А.П. Кочетков, О.А. Гончарова, К.В. Космодемянская, Т.Д.Матвеева, И.В. Мерсиянова, Р.А.

---

Избранные произведения. [Текст] / А. Грамши. - М., 1980; Гроций, Г. О праве войны и мира. В 3-х тт. [Текст] / Г.Гроций. – М., 1994; Гумболдт, В. фон. О пределах государственной деятельности [Текст] / В. Гумболдт. - Челябинск: Социум, 2009; Кант, И. Вечный мир // Соч. в 6 т.Т.6. [Текст] / И.Кант. – М., 1966; Локк, Дж. Сочинения. В трех томах. – Т.3. [Текст] /Дж. Локк. – М.: Мысль, 1988; Макиавелли, Н. Государь. [Текст] / Н.Макиавелли. – М., 2015; Монтескье, Ш. О духе законов [Текст] / Ш. Монтескье. – М., 2018; Руссо, Ж.Ж. Об общественном договоре или принципы политического права. [Текст] / Ж.Ж. Руссо. – М.: ОГИЗ-СОЦЭКГИЗ, 1938; Пейн, Т. Избранные сочинения. [Текст] / Т.Пейн. – М.: Издательство АН СССР, 1959. – С. 422; Токвиль, А. Демократия в Америке: Пер. с франц./ Предисл. Гарольда Дж. Ласки. — М.: Прогресс, 1992; Шумпетер, Й. Капитализм, социализм и демократия. [Текст] / Й. Шумпетер. – М., 1995.

[1] Содиқов, А.У. Ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Абӯ Наср ал-Форобӣ. [Матн] / А.У. Содиқов – Душанбе: ДМТ «Сино», 2009.

Пул, С.А.Солдатов, В.П. Ступишина ва дигарон дар ин самт таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд;[1]

- асарҳое, ки ба сифати корҳои таҳқиқотие ба анҷом расидаанд, ки ба ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ дахл мекунанд. Яъне, масъалаҳои умумисайёравии ҷомеаи шаҳрвандиро фаро гирифта, ҷиҳатҳои универсалии масъаларо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳанд. Аз ҷумла, асарҳои муҳаққиқон А.Х. Абашидзе, К.С. Гаджиев, Д.А.Урсин, Р.Липшутс, Ҳ. Анхайер, М. Калдор, Ҷ. Най, К. Кумар, Е. Кузнетсова, Л. Саламон, В.Г. Иванов, А.О.Наумов, А.В. Тиховодова, А.Ю. Гашенко, С.В. Погорелская, Е.В. Стетско ва дигарон фарогири ин мавзуъ мебошанд;[2]

---

[1] Ниг.: Андреева О.С. Неправительственные организации (определение понятия, сущность) [Текст] / О.С. Андреева // Власть: общенациональный научно-политический журнал. – 2009. – №10; Гаджиев К.С. Гражданское общество и правовое государство. [Текст] / К.С. Гаджиев // Мировая экономика и международные отношения. 1990. №9; Боз вай. Концепсия гражданского общества: идейные истоки и основные вехи формирования. [Текст] / К.С. Гаджиев // Вопросы философии, 1991. №3; Дохин В.Н. Личность, общество, государство: Проблемы развития гражданского общества. [Текст] / В.Н. Дохин. – М., 1992; Коэн, Ҷ., Арато Э. Гражданское общество и политическая теория. Пер. с англ./ Общ. ред. И.И. Мюрберг. [Текст] /Ҷ. Коэн, Э. Арато. – М.: Издательство «Весь Мир», 2003; Кальной, И. И. и др. Гражданское общество: истоки и современность / Науч. ред. проф. И. И. Кальной, доц. И. Н. Лопушанский. [Тескт] // И.И. Кальной. – СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2006; Кочетков, А.П. Гражданское общество в фокусе политической науки (историографический обзор) [Текст] / А. П. Кочетков // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки, 2014. № 1. С. 29–51; Гончарова, О.А. Взаимодействие политических партий с институтами гражданского общества // Вестник МГУ имени М.А. Шолохова. История и политология. 2011. №1; Космодмьянская, К.В. Власть или СМИ: взаимодействие или противостояние? [Текст] / К.В.Космодемьянская // Теория или практика общественного развития. 2014. №4. – С. 176-179; Матвеева Т.Д. Неправительственные организации в механизме защиты прав человека [Текст] / Т.Д.Матвеева. – М, 1997; Мерсиянова И.В., Якобсон Л.И. Общественная активность населения и восприятие гражданами условий развития гражданского общества. – Вып. 1. [Текст] / И.В. Мерсиянова. – М., 2007; Пул Р.А. Человек и гражданское общество в истории социальной мысли [Текст] / Р.А. Пул // СОЦИС., 1991. №9; Солдатов С.А. Общественные организации в Российской Федерации (политико-правовое и институционное исследование) [Текст] /С.А.Солдатов. – М., 1994. С. 34; Ступишина В.П. Гражданское общество и демократическое государство. [Текст] / В.П. Ступишина// Общественные науки, 1990. №1.

[2] Ниг.; Абашидзе А.Х., Урсин Д.А. Неправительственные организации: международно-правовые аспекты. [Текст] / А.Х. Абашидзе, Д.А.Урсин. – М, 2002; Иванов, В.Г. Глобальное гражданское общество: становление нового актора мировой политики. [Текст] / В.Г. Иванов // Вестник РУДН, серия Политология. 2010. № 4; Тиховодова, А.В. Функции институтов глобального гражданского общества. [Текст] / А.В.Тиховодова // Вестник Вятского государственного университета. Философские науки. – 2019. № 2 (132), Lipschutz, R. Op. cit; Turner, S. Global Civil Society, Anarchy and Governance: Assessing an Emerging Paradigm [Text] // Journal of Peace Research. 1998. Vol. 35. No 1; Гашенко, А.Ю. Глобальное гражданское общество как идеологический феномен [Текст] /| А. Ю. Гашенко // Вестник Московского университета. Серия 12. Политические науки, 2014. № 1; Anheir, H., Glasius, M., Kaldor, M. Global Civil Society. [Text] – Oxford, 2001. - P. 17: Kumar, K. Global civil society. // European journal of sociology. – Cambridge, 2007. – Vol. 48, No 3. – P. 413–434; Salamon, L. The Rise of the Nonprofit Sector [Text] / L. Salamon // Foreign Affairs. 1994. Vol. 73. No 5. P. 109-122; Кузнецова Е. Эволюция консультативного статуса

- асарҳои муҳаққиқоне, ки ба мавзуи ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дахл намудаанд. Онҳо агарчанде бевосита ба таҳқиқи масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ машғул нашудаанд, аммо дар осори хеш ба паҳлуҳои мухталифи назария ва амалияи он таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ҷумла, дар осори муҳаққиқон К. Шмидт, Ю.Хабермас, Т. Парсонс, К. Нош[1] ва дигарон масъалаҳои алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ шудаанд;

- асарҳое, ки вобаста ба масъалаҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудаанд. Дар шароити Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон, коршиносон ва сиёсатмадорон ба масъалаи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳи хоса равона шудааст. Махсусан, дар суханрониҳо, паёмҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷиҳатҳои мухталифи рушди он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.[2]

Аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ перомуни масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ корҳои назаррас ба анҷом расидаанд. Масъалаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, асосҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии он, фаъолияти унсурҳои алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва масъалаҳои дигар аз ҷониби муҳаққиқон К.Ф. Бобоев, Г.Н. Зокиров, А. Имомов, Ш. Каримов, П. Муллоҷонов, Ш. Шоисматуллоев, М.А. Акмалова, Ш. Солиев[3] ва дигарон

---

международных неправительственных организаций при экономическом и социальном Совете ООН [Текст] / Е. Кузнецова. – М. , 2004; Методологические проблемы разработки теории общественных организаций [Текст] // «Вопросы теории общественных организаций. – М., 1977; Наумов А. О. Международные неправительственные организации в современной миropолитической системе. [Текст] / А.О.Наумов. – М.: "Красанд", 2009; Погорельская С. В. Неправительственные организации и политические фонды во внешней политике Федеративной Республики Германии [Текст] / С.В. Погорельская. – М.: "Наука", 2007; Стецько, Е.В. Американские неправительственные организации: их виды, роль и оценка влияния на формирование гражданского общества [Текст] / Е.В.Стецько // Общество. Среда. Развитие. – 2015. №1. - С. 49-54.

[1] Habermas J. The Structural Transformation of the Public Sphere. An Inguiry of Bourgeois Society. [Text] / J. Habermas, Cambridge, 1989, P. 27-73.; Parsons T. The System of Modern Societies. [Text] T. Parsons. - Englewood Cliffs. N.Y.: Prentice-Hall, 1971. P.100-115; Нош, К. Ҷомеашиносии сиёсии муосир: ҷаҳонӣ шудан, сиёсат, қудрат / тарҷумаи Муҳаммадтақӣ Дилафрӯз. [Матн] // К. Нош. – Теҳрон, Кабир, 1393 ҳ.ш.

[2] Рахмонов, Э. Таджики в зеркале истории [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе, 1999. – 131 с.; Боз вай. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2002–2016. Т. 1,5,6,11,12; Боз вай. О религии [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе, 2006; Боз вай. Муҳити зиндагӣ ва оламн андешаҳои Имоми Аъзам: асари илмӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2009. – 368 с.; Боз вай. Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2012. – 132 с.; Боз вай. О времени и о себе [Текст] / Э. Рахмон. – Душанбе, 2015. – 232 с.; Боз вай. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе, 2018. – 305 с.

[3] Бобоев, К.Ф. Актуальные проблемы формирования гражданского общества в Таджикистане. Часть 1. Историко-методологические особенности и предпосылки зарождения гражданского общества в Таджикистане. [Текст] / К.Ф. Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 2010; Зокиров, Г.Н. Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров.– Душанбе: «Андеша», 2001; Имомов, А.И. НПО и их роль в демократизации в Таджикистане [Матн]

мавриди омӯзиш ва хулосагириҳо қарор дода шудаанд. Инчунин дар мавриди масъалаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ конференсия ва семинарҳои сатҳи мухталиф[1] баргузор гардидаанд.

Дар мавриди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва масъалаҳои гуногуни он корҳои диссертатсионӣ, аз ҷумла, рисолаҳои Ш.Т.Каримов, У. Исоев, А.Раҳмонов, Х.Шарипов ва дигарон иншо гардидаанд.[2]

Раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва асоснoккунии назариявии он дар асарҳои К.С. Гаджиев аҳаммияти муҳимро касб намудаанд. Ӯ рушди давлати ҳуқуқиро асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ тавсиф намуда, манбаъҳо ва захираҳои асосии ташаккул ва инкишофи онро дар шароити нави давлатҳои замони муосир дуруст ва амиқ тавсиф намудааст.

В.П. Ступишина низ тавонистааст раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандиро бо масъалаҳои дигари инкишофи давлати демократӣ пайваст намояд.

Дар раванди омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои ҷомеаи шархрвандӣ Ш. Т. Каримов ҷойгоҳи хоссаеро пайдо намудааст. Ӯ дар мавриди масъалаи

---

А.И. Имомов. – Душанбе, 1996; Боз вай. Формирование гражданского общества в Таджикистане: проблемы и суждения [электронный ресурс]. Дата обращения 25.10.2017; Каримов, Ш. Деятельность НПО по формированию гражданского общества в Таджикистане [Текст] / Ш.Т. Каримов. – Душанбе, 2001; Боз вай. Роль НПО в формировании гражданского общества в Таджикистане. Историко-политологическое исследование. 4-е издание, исправленное и дополненное [Текст] / Ш.Т. Каримов. – Душанбе, 2008; Боз вай. Созмонҳои ғайриҳукуматӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.Т. Каримов. – Душанбе, 2010; Боз вай. Формирование гражданского общества в Таджикистане [Текст] / Ш.Т. Каримов. – Душанбе, 2019; Муллоджанов П. Гражданское общество и миростроение [Текст] / П. Муллоджанов // Ресурсы примирения. Accord. Выпуск 10. Лондон – М., 2001; Раҳнамо, А. Мавқеи ҳизбӣ ва мавқеи миллӣ. [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе: «Бухоро», 2012; Шоисматуллоев, Ш. Состояние и проблемы формирования гражданского общества в Таджикистане [Текст] / Ш. Шоисматуллоев // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ. – Душанбе, 2018; Солиев, Ш.Х. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати зиддикоррупсионии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо [Матн] / Ш.Х. Солиев // Ахбори ДДҲБСТ, силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ.(72), 2017.№3. (72). – Хуҷанд. – С. 130-140.

[1] Интеллектуальный потенциал гражданского общества [Текст] // Материалы республиканской научно-практической конференции. – Душанбе, 2005; Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] // Маводҳои конференсияи илмию назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2018; Плюрализми сиёсӣ: моҳият ва хосиятҳои асосӣ [Матн] // Маводҳои «мизи мудаввар»-и маҳфили инфиродии «Шабафрӯз». – Душанбе, 2013. – 64с; Гражданское общество в Таджикистане: проблемы и перспективы формирования [Матн] // Семинари назариявӣ ва амалӣ. – Душанбе, 2001.

[2] Каримов, Ш. Роль неправительственных организаций в формировании гражданского общества в Таджикистане: политологический анализ. [Текст] / Ш. Каримов. Дисс.... докт. полит. наук. – Душанбе, 2015. – 292 с.; Исаев, У.У. Неправительственные организации и политические изменения в Республике Таджикистан [Текст] / У.У. Исаев. Дисс. ... канд. полит. наук. - Душанбе, 2014; Раҳмонов, А. К. Особености становления гражданского общества в Таджикистане [Текст] / А. Раҳмонов. Дисс. … канд. полит. наук. – Душанбе, 2007. – 149 с.; Шарипов, Х.Б. Социально-политические факторы формирования и развития гражданского общества в Таджикистане [Текст] / Х.Шарипов. Дисс. … канд. полит. наук. – Душанбе, 2002.

мазкур асарҳои зиёде таълиф намуда, ҷанбаҳои гуногуни онро мавриди таҳлил ва хулосагириҳо қарор дода, тавонистааст, ки ба бисёр саволҳои марбути ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ ҷавоб гуяд.

Дар раванди таҳқиқи масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ асарҳои Г.Н. Зокиров низ ҷойи махсусро ишғол намудаанд. Ӯ дар рисолаи “Ҷомеаи шаҳрвандӣ” асосҳои назариявӣ ва методологии масъалаи мазкурро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муаммоҳои мавҷударо дар роҳи инкишофи падидаи мазкур дар ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон додааст. Дар асарҳои таълимӣ ва хосияти луғатӣ доштаи Г.Н. Зокиров масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳқиқи васеъ ва амиқи худро пайдо намудаанд.

Новобаста ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусиятҳои рушди муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеаи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаҳои нав ба наве пайдо мегарданд, ки ба омӯзиш ва натиҷагириҳои хосса тақозо доранд. Ҳолати мазкур аз муҳаққиқон талаб менамояд, ки ҳамқадами рушди масъалаҳо бошанд, ба масъалаҳо ва даъватҳо сари вақт ҷавоб гардонанд. Аз ин рӯ, паҳлуҳои мухталифи ташаккул, инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон омӯзиши бештарро тақозо мекунанд. Аз ҷумла, хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақши он дар таҳкими системаи сиёсӣ, ҳолат ва дурнамои рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан, фаъолнокӣ ва самаранокии унсурҳои мухталифи он ба таҳқиқ ва хулосагирии бештар ниёз доранд. То ба имрӯз заминаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ва ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст. Маҳз чунин ҳолатҳо зарурати интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи мавзуи кори илмию таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – «Хусусиятҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон», ки барои солҳои 2021-2025 муқаррар гардидааст, ба анҷом расонида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани монеаҳо ва мушкилоти равандҳои мазкур ва пешниҳоди тарҳи мусоиди ҳамкории ниҳодҳои таркибии сохтори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил менамоянд.

Мақсади асосии таҳқиқот тавассути ҳалли **вазифаҳои зерин** амалӣ мегардад:

– таҳлили сиёсии масъалаҳои назариявию методологии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ошкор намудани проблемаҳои асосии таҳқиқотии он дар назарияи муосири сиёсӣ;

– омӯзиши вижагиҳои умумӣ ва махсуси ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир, муайян намудани тарзи муносибат ба онҳо;

– таҳқиқ ва таҳлили хусусиятҳои асосии воқеияти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон;

– таҳқиқ ва хулосагирии сатҳи фаъолнокии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии онҳо;

– муайян намудани ҳолатҳои таъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба инкишофи системаи сиёсӣ;

– ошкор намудани зиддиятҳо ва муқовиматҳои инкишофи унсурҳои таркибию функсионалии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарёфти роҳҳо ва воситаҳои ҳалли онҳо;

– омӯзиши тамоюлҳои асосӣ ва дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқотро** хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунанд.

**Мавзуи таҳқиқот** фарогири масъалаҳои назариявию амалии ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусияти фаъолият, мушкилот ва дурнамои рушди ниҳодҳои он дар шароити Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот**. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоии ҷомеаи муосир унсури асосии таҳким ва такмили ҳокимияти сиёсӣ, пешгирӣ намудани зуҳуроти манфию радикалии он, воситаи муҳимму муассир дар ҳалли мушкилоти мухталифи ҷомеа фаъолият менамояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун механизм ва унсури муҳимми таҳкими низоми демократӣ ва ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ ташаккул меёбад. Мақом ва нақши он дар амалишавии самтҳои эътирофгаштаи сиёсати бузург ва соҳавӣ, дар ҳалли мушкилот ва рафъи монеаҳои мухталифи ҷамъиятӣ муҳим аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мазкурро асарҳои заминавии сиёсӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таҳқиқоти сиёсии махсуси ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асарҳои классикии таҳқиқи масъалаҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ, айният ва тафовутҳои он, асарҳои муҳаққиқони макон ва замони мухталиф, аз ҷумла асарҳои муҳаққиқони замони муосир, ки ифодагари раванди инкишоф ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандианд, такя намуда, дар доираи таҳлили мантиқӣ ва хулосабарориҳои илмию назариявӣ тарҳи нави муносибати методологӣ ва ҳалли масъалаҳои инкишофро пешниҳод менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Объект, предмет ва мақсади таҳқиқот истифодаи методологияи таҳлили сиёсӣ, методҳои системавӣ ва таърихиро тақозо намуданд. Таҳлили сиёсӣ дар ошкор намудани хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши он дар раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа, муайян намудани

монеаҳо, зиддиятҳо, мухолифатҳо ва омилҳои асосии рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Муносибати ниҳодӣ таҳлили низоми сохтории ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун иштирокдорони низоми муносибатҳои иҷтимоӣ пурра менамояд. Он имконият медиҳад, ки нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳкими системаи сиёсии демократӣ, ҳалли монеаҳо ва мушкилиҳои мухталифи ҷамъиятӣ ошкор шаванд.

Муносибати системавӣ барои ошкор намудани мавзуи таҳқиқот ҳамчун яке аз методҳои муҳимми таҳлили ҳамкории ҷомеаи шаҳрвандӣ бо давлат истифода гардидааст. Дар доираи муносибати системавӣ воқеияти ҳамкориҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлил гардида, хусусияти таъсири мутақобилаи онҳо ошкор карда шудааст.

Муносибати таърихӣ дар таҳлили раванди ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ имконият дод, ки хусусиятҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор дода шавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз мақсад ва вазифаҳои асосии раванди омӯзиш бармеояд, ки ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

– масъалаҳои назариявию методологии ҷомеаи шаҳрвандӣ, проблемаҳои асосии таҳқиқотии он дар назарияи муосири сиёсӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд;

– хусусиятҳои умумӣ ва махсуси ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир, муайян намудани тарзи муносибат ба онҳо мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд;

– хусусиятҳои асосии воқеияти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор дода шудаанд;

– сатҳи фаъолнокии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии онҳо омӯзиши амиқро пайдо намуда, боиси хулосагириҳои зарурӣ қарор гирифтаанд;

– ҳолатҳои таъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба инкишофи системаи сиёсӣ муайян гардидаанд;

– зиддиятҳо ва муқовиматҳои инкишофи унсурҳои таркибию функсионалии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарёфти роҳҳо ва воситаҳои ҳалли онҳо муайян гардидаанд;

– тамоюлҳои асосӣ ва дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон таҳқиқ ва таҳлили амиқро пайдо намудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ васеъ ва мукаммал буда, перомуни он дидгоҳҳои мухталиф мавҷуд аст. Аз замони зуҳури хеш то ба имрӯз ҷомеаи шаҳрвандӣ аз як ҷомеаи нисбатан идеалӣ ба як воқеияти ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Ҳанӯз аз замонҳои қадим унсурони алоҳидаи таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар осори мутафаккирони Ғарбу Шарқ инъикос шудаанд. Дар шароити имрӯза фаҳмиши мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавҷуд аст, ки

қисме аз мардум онро ҳамчун ҷомеаи идеаливу кушода, дигарон ҳамчун маҷмуи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳе ҳамчун механизми ҳалли мушкилот мефаҳманд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун унсури муҳимми низоми демократӣ, василаи таъмини рушди худидоракунӣ ва идораи хуб (good governance) шуморида мешавад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ на як ормон ва ҳадафи рӯёӣ, балки як механизми воқеии таҳкими низоми демократӣ, ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини амнияту осоиши ҷомеа ва боло бурдани пешрафти иҷтимоии мардум аст;

– дар ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити муосир омилҳои мухталифе заминагузорӣ шудаанд. Заминаи муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тағйирот ва таҳаввулоти замони нав дар Аврупо пайванд дорад. Дар замони нав дар Аврупо арзишҳое дар ҳаёти сиёсӣ зуҳур намуданд, ки дар ташаккули мақоми инсон ва ташаббускории ӯ саҳми муҳим доштанд. Боло рафтани мақоми инсон ва инсонмеҳварӣ дар ин замон, озод гаштани инсон аз таъсири ҳамаҷонибаи ҳукумати калисо, рушди ратсионализм, секуляризм ва фардгароӣ боиси он гардиданд, ки унсурҳо ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳои ғарбӣ таҳким пайдо намоянд. Равандҳои модернизатсионӣ ва демократикунонӣ, инчунин зуҳури ҳар гуна ҳаракатҳои иҷтимоӣ дар ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши заминасоз доранд. Хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандиро худидорашавандагию худинкишофёбандагӣ ва гуногунии унсурҳои ниҳодиву таркибии он ташкил медиҳанд. Мутаассифона, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ инкишофи ҳамворро ба таври доимӣ пайравӣ накардааст ва дар замони муосир танҳо аз тамоюлҳои мусбат иборат намебошад;

– дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон омилҳои замонӣ ва ҳолати рушди сиёсӣ таъсир гузоштаанд. Дар ҳама давру замон ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ миёни мардуми форсу тоҷик амал менамуданд ва имрӯз низ мо фаъолгардии унсурҳои анъанавиро дар таркиби ҷомеаи шаҳрвандӣ мушоҳида менамоем. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон бештар зери таъсири тарҳи ғарбӣ ташаккул ва инкишоф ёфта истодааст. Аз замони ташаккули хеш ҷомеаи шаҳрвандӣ ба чигунагии системаи сиёсии Тоҷикистон таъсири назаррас гузоштааст, ки ҳам хосияти мусбат ва ҳам хосияти манфиро доро мебошад;

– ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун маҷмуи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ мебошад, ки дар таркиби он гуногунии ниҳодҳо ба назар мерасад. Хусусан, нақши ниҳодҳои муосир, аз ҷумла созмонҳои ғайриҳукуматии мухталиф дар таркиби ҷомеаи шаҳрвандии муосир назаррас мебошад. Хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон гуногунии таркибию ниҳодии он ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза ташаккул ва рушди заминаи ниҳодии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ сурат гирифта истодааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ тамоюли фаъолгардии ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷамъиятию сиёсӣ ба назар мерасад;

– дар Тоҷикистони муосир ҷомеаи шаҳрвандӣ тадриҷан рушду нумӯъ меёбад. Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии инкишофи он фароҳам оварда шудаанд. Ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёт фаъолият мебаранд ва самараи назаррас низ доранд. Дар самти ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дастовардҳои назаррас ба назар мерасанд. Аммо новобаста аз ин, омилҳои мухталифе низ вуҷуд доранд, ки ба тавсеаи нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолияти самарбахши онҳо таъсир мегузоранд. Хусусан, таъсиррасонии омилҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, ҳамчунин набудани таҷрибаи кофии инкишофи демократӣ ба рушду тавсеаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бузург аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф бештар ба таълимот ва хулосаҳои муҳаққиқони сиёсӣ, муҳаққиқони шинохтаи соҳаи мазкури донишҳо, ки бевосита ба масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя намуда, аҳаммияти таҳқиқот, ҳолатҳои рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолнокию самаранокии онҳоро тархрезӣ намудааст. Ба сифати асосҳои методологӣ дар раванди таҳқиқот аз муносибатҳои системавӣ, таърихӣ, таҳлилӣ ва синергетикӣ истифода намуда, аҳаммияти назариявию методологии онро барои ҷомеаи муосир муайян намудааст. Чунин тарз ва сатҳи муносибат дар раванди омӯзиши масъала имкониятҳо ва шароити наву хубтареро ташаккул медиҳад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ падидаҳо ва тағйиротҳои сифатии тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар бавуҷудомада мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд, ки метавон натиҷаҳои онро дар таҳқиқоти минбаъда ба таври васеъ истифода намуд. Онҳо дар раванди таҳлил, хулосабарорӣ ва омӯзиши хусусиятҳои хоси ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, муаммоҳои монеъшаванда дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ дар кишвар аҳаммияти муҳим доранд. Аҳаммияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки ба таври назариявӣ вазъият ва ҳолатҳои асосии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди равандҳои демократикунонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқотиро, инчунин, ҳангоми омӯзиши соҳаҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ ва дигар соҳаҳои илмҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқӣ ва саҳеҳии маълумот, кифоя будани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи

эътимодноки рисолаи диссертатсионӣ тасдиқ мекунад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро мустақилона ҷамъбаст кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳамчун кори илмии аслӣ баҳогузорӣ ёфта, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия гардидааст.

Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2014), конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2015) ва ғайра дар шакли маърӯзаҳо ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар шаш мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 209 саҳифаи матни компютериро ташкил мекунад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи коркарди илмии мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию методологӣ ва илмию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба

шиносномаи ихтисоси илмӣ зикр гардидаанд. Инчунин, дар муқаддима тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «**Таълимоти сиёсӣ дар бораи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ**» **-** аз ду зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз нигоҳи консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби якум – «**Асосҳои назариявию методологии пажӯҳиши масъалаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ**» – таъкид мегардад, ки ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шакли муосир маҳсули тағйироти тадриҷии таърихӣ мебошад. Ғояҳо перомуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва унсурҳои алоҳидаи он дар ҳар давру замони таърихи инсоният вуҷуд доштанд. Сиришти инсонҳо барои бунёди як ҷомеаи босаодат ва беҳтар аз мавҷуди унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳар давраи рушди таърихӣ дарак медиҳад. Дар ҳама маврид режими сиёсии низоми давлатдориҳо мусоидаткунанда ва ё монеъшавандаи ташаккули он унсурҳо ва арзишҳое мегашт, ки имрӯз ба ҳайси қисми таркибии ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохта шудаанд.

Андешаҳо перомуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳанӯз аз давраҳои қадим шакл гирифта, аз замони Афлотун то ба имрӯз муҳаққиқон ҷиҳати равшанӣ андохтан ба моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ кӯшиш ба харҷ додаанд. Дар ташаккул ва рушди таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ намояндагони назарияи ҳуқуқи табиӣ ва шартномаи ҷамъиятӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар умум, таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони нав бештар рушду инкишоф ёфт.

Зикр мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ зинаи муайяни инкишофи ҷомеа аст, ки ҳамчун ҳолати тамаддунӣ фаҳмида шуда, ба муқобили ҳолати табиӣ гузошта мешавад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ аз маҷмуи муносибатҳо дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, ки дар доираи ҷомеаи демократӣ бе дахолати давлат ва берун аз тобеияти он ташаккул меёбанд, фаҳмида мешавад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити давлати демокративу ҳуқуқбунёд беҳтар ташаккул меёбад, зеро маҳз системаи сиёсии демократӣ барои инкишофи худидораи маҳаллӣ, иштироки фаъоли шаҳрвандӣ, фаъолияти озодонаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Дар низоми ғайридемократӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ташаббусҳои шаҳрвандӣ, худидоракунӣ, муносибатҳои ғайридавлатӣ маҳдуд ва ё манъ карда мешаванд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди мутаносиби он ғайриимкон аст.

Инкишофи муносибатҳои бозаргонӣ дар зинаи муайяни инкишофи худ барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун иттиҳодияи шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисодӣ озод ва мустақил, баробарҳуқуқ ва соҳиби моликияти хусусӣ, ки барои таъмини шароити арзандаи зиндагонӣ заминаи мусоид фароҳам меорад, фаҳмида мешавад. Дар ин замина муҳаққиқон арз менамоянд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ аз шахсиятҳои озод ва мустақил ташаккул ёфта, дар натиҷаи

соҳиб гаштан ба моликияти зарурӣ мустақилиятро ҳам аз давлат ва ҳам аз шахсони дигар ба даст меорад. Мавҷуд набудани чунин хусусиятҳо маънои мавҷуд набудани ҷомеаи шаҳрвандиро дорад.

Сохтори ҷомеаи шаҳрвандӣ мураккаб буда, аз муносибатҳои хоҷагӣ, иқтисодӣ, оилавӣ, этникӣ, динӣ ва ғайра иборат аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, ҷомеаи худидорашаванда буда, қувваи асосии он тавассути институтҳо ва ташкилотҳои гуногуни шаҳрвандон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои фишоровар, муассисаҳои хусусӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, иттиҳодияҳои кооперативӣ ва иҷоравӣ, оила, муассисаҳои маориф ва фарҳанг, иттиҳодияҳои эҷодӣ, ассотсиатсияҳои илмӣ, мақомоти худидорӣ дар ҷои истиқомат, хазинаҳои хайрия, ҳаракатҳои оммавии иҷтимоӣ, воситаҳои ахбори оммавии ғайридавлатӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи асосии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалигардонии манфиатҳо ва талаботи ҳаррӯзаи инсон тавассути боваркунонӣ, қоидаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, анъанаҳо, урфу одат, санъат ва ғайра мебошад.

Ҳамин тариқ, таълимотҳои мухталифро перомуни ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ карда, дидгоҳҳои мухталиф ошкор шуданд. Дидгоҳи идеалӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун як низоме баррасӣ мекунанд, ки дар он инсон ба дараҷаи баланди камолоти худ расидааст. Фарҳанги баланди сиёсӣ, шароити хуби иҷтимоию иқтисодӣ, демократияи инкишофёфта, ахлоқу маънавиёти баланди шаҳрвандон, ниҳодҳои функсионалии давлатию ҷамъиятӣ ҳамчун заминаи муҳимми ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дониста мешаванд. Назари ниҳодӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ онро аз маҷмуи ниҳодҳои дорои хосияти ҷамъиятӣ иборат медонад. Назари воситавӣ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ онро ҳамчуни механизме арзёбӣ менамояд, ки тавассути он масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ ҳалли худро пайдо мекунанд.

Дар зербоби дуюми боби якум – «**Хосиятҳои умумӣ ва махсуси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир**» – таъкид мегардад, ки таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз таҳаввулоти назаррасро аз сар гузаронидааст. Дар заминаи он воқеияти ҷамъиятӣ низ тағйир пазируфта, ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун механизми муҳимми таҳкимбахши низоми демократӣ ва ҳалли мушкилоти мухталиф ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Вобаста ба амалияи ҷамъиятии имрӯза таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ низ комил гашта истодааст, ки дарки он таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Афзун гаштани таваҷҷуҳ ба ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, аз таҷрибаи рушди он дар кишварҳои ғарбии демократӣ вобастагӣ дошт. Таҷрибаи кишварҳои либералии Ғарб ба таври возеҳ нишон доданд, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд дар таҳкими низоми демократӣ ва ҳаллу баррасии мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ, ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон ва умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ, ба баррасӣ кашидани масъалаҳои ҳалталаби ҷомеа, таъсиррасонӣ дар қабули қарорҳои зарурии сиёсӣ дар сатҳи кишварҳо, ба муҳокимаи

ҷамъиятӣ гузоштани мушкилоти мухталиф ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ нақши муҳимро иҷро намоянд.

Заминаҳои мухталифи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ, иҷтимоию иқтисодӣ барои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии муосир мусоидат намудаанд. Хосиятҳои умумӣ ва хоссаи ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳама ҳолат зери таъсири омилҳои замонӣ ва маконӣ сурат гирифтааст. Хусусан, дар ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши равандҳои модернизатсионӣ ва демократикунонӣ муассир мебошад. Дарк ва баҳогузории паҳлуҳои мухталифи равандҳои модернизатсионӣ ва демократикунонӣ дар шароити имрӯза метавонанд барои шинохти хосиятҳои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳаматарафа муҳим бошанд.

Дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир нақши ҳаракатҳои мухталифи иҷтимоӣ низ назаррас аст. Аз ҷумла, ҳаракатҳои иҷтимоии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, экологӣ, ҳаракати ҷавонон, ҳаракатҳои сиёҳпӯстон, ҳаракатҳои муқовимат ба ҷанг ва ҳар гуна хушунатҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои феминистӣ ва ғайра дар боло рафтани мақоми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳои ғарбӣ нақши муҳим доштанд.

Хусусияти муҳимми рушди муосири ҷомеаи шаҳрвандиро ҷиҳати худидорашавандагиву худинкишофёбандагӣ ва плюралистии он ташкил медиҳад. Ҷомеаи шаҳрвандии муосир аз арзишҳо, мавқеъгириҳо ва ниҳодҳои гуногун иборат аст. Дар таркиби ҷомеаи шаҳрвандӣ мо метавонем аз ҳар ҷиҳат гуногуниро эҳсос намоем. Манфиатҳо ва мақсадҳо дар таркиби ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд гуногун бошанд, ки онҳо ба пуррагӣ хосияти созандагӣ дошта наметавонанд.

Ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварҳои мухталифи олам як зарурати ҷамъиятӣ аст, ки барои ба роҳ мондани ҳалли фарогири масъалаҳо ва беҳтар намудани идораи ҷамъиятӣ равона гардидааст. Аз ҷумла, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, тавонбахшии қишрҳои мухталифи аҳолӣ, рушди маърифатнокии аҳолӣ дар самтҳои мухталиф, беҳтар намудани идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳифзи солимии муҳимти зист ва ҳалли бухронҳои экологӣ, инчунин дигар масъалаҳои муҳим заминаи ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ гардиданд.

Зикр шудааст, ки хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити имрӯза фарогир будани он ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза соҳаеро дарёфт намудан мушкил аст, ки дар он ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолият надошта бошанд. Хусусан, фаъол гардидани ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли мушкилоти гуногуни ҷамъиятӣ ва, махсусан, дар соҳаи муносибатҳои сиёсӣ ва низоми идоракунии сиёсӣ бештар мушоҳида мешавад.

Таъсири равандҳои глобаликунонӣ, ки дар он кишварҳои мутараққии Ғарб таъсири назаррас мегузоранд, ба ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ хеле калон мебошад. Ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ

дар замони муосир бо дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки зери таъсири глобаликунонӣ арзи ҳастӣ намудаанд, пайвастанд. Раванди глобаликунонӣ ҳамчунин барои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ заминасоз гардид. Рушди зудҳаракатии инсонҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, имкониятҳои технологияҳои иттилоотии муосир, қонунгузории байналмилалӣ, фароҳам омадани дастгирии молиявӣ аз ҷониби донорҳои байналмилалӣ, зуҳури ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар омилҳо боиси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ гардиданд.

Дар шароити имрӯза фазои маҷозӣ як заминаи муҳим барои фаъол гардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба ҳам омадани мардум ва амалӣ намудани ташаббусҳои ҷамъиятӣ гардидааст. Технологияи коммуникатсионӣ заминаи муҳимми ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии маҷозӣ гардидааст.

Ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯза танҳо аз тамоюлҳои мусбат иборат нест. Имконияти фароҳамшуда барои таъсиси созмонҳои мухталифи шаҳрвандӣ боиси зуҳури мухолифатҳои гуногуни сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ шудааст. Дар заминаи таназзули равандҳо ва қонуниятҳои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдоиш ва рушди ҳар гуна ҷараёнҳои иртиҷоии иҷтимоӣ ва созмонҳои ахлоқи глобалӣ дар маънои манфӣ ва иртиҷоии ҳаракатҳо дар кишварҳои ғарбӣ боиси беэътибор гардидани намунаи ғарбии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назди мардуми мухталиф ва кишварҳои гуногун гардидааст.

Ҳамин тавр, раванди модернизатсияи сиёсӣ ва демократикунонӣ дар кишварҳои мухталифи олам, инкишофи ҳамаҷонибаи ҷамъияти инсонӣ, рушди техникаву технологияи муосир, инкишофи равандҳои глобалӣ боиси ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои ҷомеи шаҳрвандӣ дар замони муосир ва касб намудани хусусиятҳои гуногун гардидаанд. Шароитҳои зикршуда ба зуҳури тарҳҳои муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат намудаанд. Дар умум, дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандии муосир равандҳои модернизатсонӣ ва демократикунонӣ, фароҳам шудани заминаи мусоиди қонунгузорӣ, зуҳури ҳаракатҳо ва ҷунбишҳои мухталифи иҷтимоӣ, ҳамчун намунаи рушд қарор гирифтани таҷрибаи кишварҳои ғарбӣ, амалисозии лоиҳаҳои мухталифи созмонҳои байналхалқӣ, мавҷудияти заминаҳо дар фарҳанги сиёсии ҷомеа, рушди технологияи коммуникатсионӣ, зарурати ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ, таҳкими фаъолнокӣ ва ташаббускории шаҳрвандон ва дигар омилҳо муҳим дониста мешаванд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ –«**Ҷомеаи шаҳрвандӣ: мақом ва нақши он дар такмили системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон**» - аз се зербоб иборат буда, дар он ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандии кишвар, таъсири он ба низоми сиёсӣ, аз ҷумла махсусиятҳои фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мушкилот ва дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм – «**Хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба системаи сиёсии кишвар**» – таъкид мегардад, ки дар замони муосир, ки аксари

давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди системаи сиёсии демократиро пеша намудааст, ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба сифати яке аз масъалаҳои актуалӣ баромад менамояд. Дар фазои пасошӯравӣ масъалаҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, чигунагии фаъолияти ниҳодҳои он, сатҳи таъсиргузории ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ яке аз меъёрҳои муҳимми баҳогузорӣ ба рушди демократӣ ба ҳисоб меравад.

Зикр мегардад, ки ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳои замонӣ ва ҳолати рушди сиёсӣ сурат гирифтааст. Дар гузашта мардуми мо бештар дар низомҳои мутамарказ зиндагӣ намудаанд, ки дар онҳо ташаббусҳои шаҳрвандӣ маҳдуд буданд. Дар замони шӯравӣ низ омилҳои эндогении заминасоз барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, яъне омилҳои миллию маҳаллӣ маҳдуд гардонида шуда буданд. Танҳо дар замони “бозсозӣ” ва аз байн рафтани системаи сиёсии ИҶШС заминаи муҳим барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки агарчанде тарҳи нави ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар замони муосир зуҳур намуд, аммо дар раванди рушди таърихии халқи тоҷик чунин ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ чун масҷид, шурои калонсолон, ҷӯрагӣ, пирию муридӣ, гаштак, авлод, гурӯҳҳои ҷамъиятии дарвешон ва ҷавонмардон дар таълиму тарбия, ҳалли низоъҳои хонаводагӣ, баррасии муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавӣ, ҳамчунин ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ нақши барҷаста доштанд.

Мавриди зикр аст, ки ташаккули унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаҳмиши муосири он дар Тоҷикистон ба замони муосир рост меояд. Хусусан дар замони “бозсозӣ” имконияти мусоид барои таъсиси иттиҳодияҳои мухталифи ҷамъиятӣ ба миён омад. То як андоза дарки нодурусти нақш ва вазифаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз тарафи роҳбарони онҳо яке аз заминаҳои асосии бесарусомониҳо дар Тоҷикистон гардид. Созмонҳои ҷамъиятӣ дар замони гузариш дар кишварҳои пасошӯравӣ ва, хусусан, Тоҷикистон ба як унсури асосии пешбаранда ва такмилдиҳандаи ин раванд табдил ёфтанд, вале он ҷиҳатро дарк накарда буданд, ки ҷомеа ҳоло ба тағйироти радикалӣ омода нест. Аз ин рӯ, таҷрибаи кишвари мо дар ин давра баёнгари он аст, ки фаъолгардии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ на ҳамеша натиҷаҳои матлуб медиҳанд.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии ниҳодҳои муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусан, иттиҳодияҳои ҷамъиятии мухталиф таъсиргузории онҳо ба системаи сиёсии Тоҷикистон назаррас буд. Дар аввал фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсии навтаъсис ба системаи сиёсии Тоҷикистон таъсири манфӣ дошт, ки боиси ба буҳрони сиёсӣ дучор шудани кишвар гардид, зеро ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин замон ба воситаи муборизаҳои сиёсӣ табдил ёфта буданд. Тадриҷан нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди системаи сиёсии Тоҷикистон тамоюли мусбат пайдо намуд.

Дар шароити имрӯза заминаи сиёсию ҳуқуқии ташаккул ва рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон фароҳам оварда шудааст. Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун санади олии сиёсӣ ва низоми қонунгузории Тоҷикистон барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди ниҳодҳои мухталифи он мусоидат мекунад.

Ҷиҳати муҳимро дар ташаккулу инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон иқдомҳо барои бунёди фазои ягонаи ҳамкорӣ миёни ниҳодҳои давлатию ҳукуматӣ ва унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил медиҳад. Ҳамчунин кӯшишҳои назаррас баҳри он равона шудааст, ки фазои мусоиди ҳамкории миёни ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ фароҳам оварда шавад. Намунаи боризи он таъсис ва фаъолияти Шурои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аксарияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, неруҳои сиёсӣ ва ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистонро муттаҳид намудааст.

Ишора меравад, ки пас аз барқарории сулҳу субот дар Тоҷикистон мо тамоюли мусоидаткунандаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хусусан, созмонҳои мухталифи ҷамъиятиро дар таҳкимбахшии системаи сиёсӣ ва хусусан, унсурҳои демократии он мушоҳида менамоем. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини шаффофият ва низоми ҳисоботдиҳандагӣ дар системаи сиёсии кишвар нақши муҳим доранд.

Ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боиси беҳтар ва пурратар гардидани ҷиҳати ниҳодии ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвар гардид, ки барои низоми сиёсии кишвар муҳим мебошад. Он боиси таҳкими ниҳодигардонии ҳаёти ҷамъиятӣ гардида, заминаи муҳимро барои ҳалли мушкилот дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам овард.

Ҳамчунин, дар шароити имрӯза дар фазои сиёсии кишвар 7 ҳизби сиёсӣ фаъолият менамоянд, ки онҳо дар таъмини гуногунандешии сиёсии кишвар саҳмгузоранд. Хосияти рақобатнокӣ ва самарабахшии системаи сиёсии кишвари мо дар имрӯз ва оянда аз чигунагии фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар он вобастагӣ дорад. Танҳо бо фаъол гардидани ҳизбҳои сиёсӣ муҳити системаи сиёсии мо метавонад рақобатпазир бошад ва самаранокии он бештар гардад.

Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи Тоҷикистон ва таҳкими системаи сиёсии он аз дараҷаи фаъолнокии оммаи васеи аҳолӣ дар бунёд ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҳолати ҷалби сохторҳои гуногуни ҷамъиятӣ барои ҳалли муаммоҳои таъхирнопазири кишвар вобастагӣ дорад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – «**Навъҳо ва шаклҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва махсусияти фаъолияти онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон**» – масъалаҳои асосии алоқаманд бо фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаклҳои он дар амалияи сиёсии кишвар таҳлилу таҳқиқ гардиданд.

Зикр мегардад, ки яке аз василаҳои муҳимми дарк ва шинохти ҷомеаи шаҳрвандиро баррасии он дар шакли ниҳодҳои мухталифи ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ фарогири ниҳодҳои мухталифи

ҷамъиятӣ мебошад, ки бо ташаббуси шаҳрвандон таъсис гардидаанд. Дар шароити имрӯза ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давлатҳои мухталифи олам, хусусан низомҳои демократӣ тамоюли тақвиятёбанда дошта, дар ҳаёти ҷомеаҳо таъсири назаррас гузошта истодаанд.

Хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити Тоҷикистон гуногунии таркиби ниҳодӣ ва созмонии он ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза дар фазои кишвар ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ арзи ҳастӣ намуда, фаъолият мебаранд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд: ниҳодҳои анъанавӣ ва муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Ҷиҳати муҳимми ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандиро дар кишвар хосияти мустаҳкамияшон ташкил медиҳад, ки дар ҳар гуна ҳолат ва зери таъсири ҳар гуна низоми сиёсӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Мавҷудият ва фаъолияти онҳо аз омилҳои миллию эндогенӣ вобастагӣ дорад ва аз ин рӯ ниҳодҳои анъанавӣ моҳиятан аз фарҳанги миллӣ ва боварҳои мардуми кишвар сарчашма мегиранд.

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри ҳифз ва қонеъгардонии талабот ва манфиатҳои рӯзафзун ва гуногуни фардҳо ва гурӯҳи муайяни аҳолӣ таъсис меёбанд. Шаҳрванд метавонад дар якҷоягӣ бо дигарон дар чаҳорчӯбаи иттиҳодияҳои самти мухталифдошта манфиатҳои гуногунпаҳлӯи худро амалӣ гардонад. Дараҷаи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз ҳолати мавҷудият ва фаъолияти самараноки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад.

Дар шароити имрӯза созмонҳои ғайриҳукуматӣ яке аз ниҳодҳои меҳварии ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохта шудаанд. Пешрафт ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин ва ё он кишвар маҳз ба сатҳи фаъолияти онҳо вобаста аст. Доираи фаъолияти ин гуна созмонҳо фарогир аст ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад. Дар шароити Тоҷикистон низ раванди инкишофи созмонҳои ғайриҳукуматӣ идома дорад. Функсионалӣ ва самаранок будани ин гуна созмонҳо мавқеи онҳоро дар доираи фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боло бурдааст.

Дар ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон нақши воситаҳои ахбори оммаи мустақил низ назаррас мебошад, ки аз зумраи ниҳоди муҳимми ҷамъиятӣ шинохта шудаанд. Онҳо вазифаҳои гуногун, аз ҷумла, паҳну пахши иттилоот, вазифаи маърифатӣ, иҷтимоишавии сиёсӣ, робитаи иҷтимоӣ, танқиду назорат, муттаҳиднамоӣ, сафарбарнамоӣ, таълимӣ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва тафреҳиро ба иҷро расонида, дар таҳкими арзишҳои демократӣ дар Тоҷикистон нақши муассир доранд.

Хулоса, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ва рушд ёфтаанд. Албатта, сатҳи рушди онҳо якранг набуда, на ҳамаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ моҳияти функсионалии худро дуруст ба ҷо меоранд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «**Мушкилот ва дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон**» – масъалаҳои алоқаманд ба муаммоҳо ва мушкилоти мавҷуда дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон баррасӣ шуда, таъкид мегардад, ки агарчанде ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ташаккул ва инкишоф ёфтаанд, аммо омилҳое низ ҳастанд, ки дар самти таҳкими он монеъ мегарданд. Дар замони муосир омилҳои мухталифи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ метавонанд дар роҳи ташаккул, инкишоф ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиргузор бошанд. Ҳамчунин, надоштани таҷрибаи кофӣ дар давлатдорию давлатсозии демократӣ яке аз масъалаҳоест, ки ба ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон монеа эҷод менамояд. Мутаассифона, дар ягон марҳилаи таърихи сиёсии пешгузаштагони мо мардум ҳамчун манбаи ҳокимият дониста нашудаанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаҳмиши муосири он падидаи нав маҳсуб меёбад, зеро ташаккулёбии он дар кишвар ба замони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар кишвари мо таҷрибаи таъсис ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои мухталифи ғайриҳукуматӣ, воситаҳои ахбори оммаи мустақил, ассотсиатсияҳои касбӣ, фондҳои хайриявӣ ва ғайра ба таври кофӣ вуҷуд надошт.

Дар шароити имрӯза унсурҳо ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон на он қадар пурқувватанд. Онҳо нав дар ҳолати ташаккул қарор доранд ва табиист, ки ба бисёр душвориҳо ва ноҳамвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Сабаби дар чунин ҳолат қарор доштани рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз таҷрибаи нокифояи демократӣ дар Тоҷикистон бармеояд.

Дар кишварҳои демократии ғарбӣ ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ муддати тӯлониро фаро гирифтааст. Аммо дар шароити имрӯза бо вуҷуди тарҳҳои амалӣ ва таҷрибаҳои дигар ҷомеаҳо раванди бунёд ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандиро метавон дар як муддати нисбатан кӯтоҳ таъмин намуд. Чунин ҳолат бештар аз рушди фарҳанги сиёсии мардум, фароҳамсозии шароит барои фаъолияти ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ, дастгирии онҳо, тарбияи рӯҳияи тараққипарварӣ ва инсонмеҳварӣ дар шаҳрвандон ва дигар омилҳои мусоидаткунанда вобаста аст.

Таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз мавқеъгирии шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Дар шароити имрӯза қонунгузории кишвар барои фаъолияти озоди шаҳрвандон дар самти саҳмгузорӣ ба рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ кафолат додааст. Аммо омилҳои мухталиф дар ин самт метавонанд ба фаъолии шаҳрвандон дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсиргузор бошанд. Фаъолии мардуми мо дар самти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ аз маданияти баланди шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ ва ташаббускории онҳо вобастгӣ дорад.

Дар хулоса натиҷаҳои бадастомада ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф ироа шудаанд.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистони муосир мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар ҷараёни иҷрои кор ба таври пайдарҳамӣ вазифаҳои гузошташуда ҳал гардида, фарзияҳои пешниҳодгардида исбот гардидаанд.

Баррасии масъала дар доираи вазифаҳои гузошташуда нишон дод, ки ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони муосир хусусиятҳои муайянеро дорад, ки барои дарки тамоюли рушд ва фаъолияти ниҳодҳои он муҳим аст. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯза яке аз унсури муҳимми низоми демократӣ ва ҳамзамон як василаи таҳкимбахшии демократия шинохта шудааст. Аз ин рӯ, баррасии хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити имрӯза яке аз воситаҳои муҳимми арзёбии чигунагии ҳолати таҳкими демократия ва самаранокии равандҳои модернизатсионӣ мебошад. Бо дарки хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ мо метавонем паҳлуҳои мухталифи рушди сиёсӣ дар кишвар, таҳкими ниҳодҳои демократӣ, чигунагии ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ, тамоюлҳо ва дурнамои рушди ҷомеаро арзёбӣ кунем.

Дар асоси баррасии маводҳои мухталиф ва таҳлили онҳо, арзёбии паҳлӯҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва омилҳои таъсиргузор ба ин раванд мо ба чунин хулоса ва натиҷаҳо расидем:

1. Ошкор карда шуд, ки перомуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дидгоҳҳои мухталиф мавҷуданд. Таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим зуҳур намуда, то ба имрӯз такмил ва таҳким ёфтааст. Унсурҳои таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар осори мутафаккирони ғарбу шарқ ба мушоҳида мерасад. Дар ҳар давру замон вобаста ба хусусиятҳои идеологию сиёсияш андешаҳои мутафаккирон перомуни ҷомеаи шаҳрвандӣ ироа гардида, таълимоти ҷомеаи шаҳрвандиро ғанӣ намудаанд. Тамоюли муҳимми рушди таълимоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он аст, ки он аз як фаҳмиши нисбатан идеалӣ ба як воқеияти ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Дар шароити имрӯза фаҳмиши гуногун аз ҷомеаи шаҳрвандӣ падид омадааст, ки дидгоҳҳои идеалӣ, ниҳодӣ ва абзорӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ на як ормон ва ҳадафи рӯёӣ, балки як механизми воқеии таҳкими низоми демократӣ, ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини амнияту осоиши ҷомеа ва боло бурдани рифоҳи иҷтимоии мардум мебошад. Дар ҳама сурат пайванди ногусастанӣ миёни демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мавҷуд аст. Низоми демократӣ имконияти мусоидро барои таъсиси ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам меоварад ва, дар навбати худ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таҳкими демократия саҳми назарраси хешро мегузорад. Аз ин рӯ, бо боварӣ метавон гуфт, ки миёни низоми демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пайванди дуҷонибаи мусоидаткунанда вуҷуд дорад. [1-М]

2. Барои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии муосир заминаҳои мухталифи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва ичтимоию иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Дар зери таъсири омилҳои замонӣ ва макони хосиятҳои умумӣ ва хоссаи ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ шакл мегиранд. Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони нав тағйирот ва таҳаввулоти сиёсӣ дар Аврупо нақши муҳим доранд. Хусусан таълимоти инсонмеҳварӣ, ратсионализм, секуляризм ва фардгароӣ ба ташаббускорӣ ва фаъолии мардум дар ҳаёти ҷамъиятӣ заминасоз гаштанд. Дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир равандҳои модернизатсионӣ ва демократикунонӣ нақши муҳим доранд. Ҳамчунин ҳаракатҳои ичтимоии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, экологӣ, ҳаракати ҷавонон, сиёҳпӯстон, муқобила бо ҷанг, ҳаракати феминистӣ ва ғайра дар боло рафтани мақоми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳои ғарбӣ нақши муҳим доштанд. [3-М]

3. Ҷомеаи шаҳрвандии муосир дорои аломатҳо ва хосиятҳои гуногун мебошад. Хосиятҳои муҳимми рушди муосири ҷомеаи шаҳрвандиро ҷиҳати худидорашавандагиву худинкишофёбандагӣ ва плюралистии он ташкил медиҳад. Ҷомеаи шаҳрвандии муосир аз арзишҳо, мавқеъгириҳо ва ниҳодҳои гуногун иборат буда, дар таркиби он метавонем манфиатҳо, мақсадҳо ва ниҳодҳои гунонунсамтро мушоҳида намоем. Хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити имрӯза фарогир будани он ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза соҳаеро дарёфт намудан мушкил аст, ки дар он ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолият надошта бошанд. [2-М]

4. Дар шароити имрӯза ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварҳои мухталифи олам як зарурати ҷамъиятӣ аст, ки барои ба роҳ мондани ҳалли фарогири масъалаҳо ва беҳтар намудани идораи ҷамъиятӣ равона гардидааст. Аз он ҷумла масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, тавонбахшии қишрҳои мухталифи аҳолӣ, рушди маърифатнокии аҳолӣ дар самтҳои мухталиф, беҳтар намудани мудирият дар соҳаҳои гуногун, ҳифзи солимии муҳити зист ва ҳалли бухронҳои экологӣ, инчунин дигар масъалаҳои муҳим заминаи ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ шудаанд. [2-М]

5. Дар замони муосир ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо дигаргуниҳои ичтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсие, ки зери таъсири ҷаҳонишавӣ арзи ҳастӣ намудаанд, пайванд дорад. Раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчунин барои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ мусоидат намудааст. Рушди мутаҳаррикии инсонҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ, имкониятҳои технологияҳои иттилоотии муосир, қонунгузории байналмилалӣ, фароҳам омадани дастгирии молиявӣ аз ҷониби донорҳои байналмилалӣ, зуҳури ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ ва дигар омилҳо боиси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ шудаанд. Ҳамчунин зери таъсири технологияҳои иттилоотии муосир ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии маҷозӣ ба назар мерасад. [1-М]

6. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳои замонӣ ва ҳолати рушди сиёсӣ сурат гирифтааст. Дар замони "бозсозӣ" ва ба шикаст дучор гардидани системаи сиёсии давлати Шӯравӣ заминаи муҳим барои бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омад. Агарчанде тарҳи нави ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар замони муосир зуҳур намуд, аммо дар раванди рушди таърихии халқи тоҷик чунин ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ чун масҷид, шӯрои калонсолон, ҷурагӣ, пирию муридӣ, гаштак, авлод, гуруҳҳои ҷамъиятии дарвешон ва ҷавонмардон дар таълиму тарбия, ҳалли низоъҳои хонаводагӣ, баррасии муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавӣ, ҳамчунин ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ нақши барҷаста доштанд. [6-М]

7. Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии ниҳодҳои муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ, хусусан иттиҳодияҳои ҷамъиятии мухталиф таъсиргузории онҳо ба системаи сиёсии Тоҷикистон назаррас буд. Хусусан фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсии навтаъсис дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба системаи сиёсии Тоҷикистон таъсири манфӣ гузошт, ки боиси дучор гаштани кишвар ба бухрони сиёсӣ шуд. Дар он замон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба як абзори муборизаҳои сиёсӣ табдил ёфта буданд. Тадриҷан нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди системаи сиёсии Тоҷикистон тамоюли мусбат пайдо намуд. Дар шароити имрӯза заминаи ҳуқуқии ташаккул ва рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон фароҳам омадааст. Дар Тоҷикистон кӯшишҳои назаррас бахри он равона карда шудааст, ки фазои ҳамкории миёни ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ фароҳам оварда шавад. [5-М]

8. Пас аз барқарории сулҳу субот дар Тоҷикистон мо тамоюли мусоидаткунандаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва, хусусан, созмонҳои мухталифи ҷамъиятиро дар таҳкимбахшии системаи сиёсӣ ва ба вижа унсурҳои демократии он мушоҳида менамоем. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар талаби шаффофият ва ҳисоботдиҳандагӣ дар системаи сиёсии кишвар нақши муҳим доранд. Зиёда аз ин ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боиси беҳтар ва пурратар гардидани ҷиҳати ниҳодии ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвар гардид, ки барои низоми сиёсии кишвар муҳим мебошад. Ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси таҳкими ниҳодигардонии ҳаёти ҷамъиятӣ гардид, ки як заминаи муҳиммеро барои ҳалли мушкилот дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ фароҳам овард. [6-М]

9. Хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар шароити Тоҷикистон гуногунии таркиби ниҳодӣ ва созмонии он ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза дар фазои кишвар ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ арзи ҳастӣ намуда, фаъолият мебаранд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд, ки онҳо ниҳодҳои анъанавӣ ва муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Ҷиҳати муҳимми ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандиро хосияти мустаҳкамияшон ташкил медиҳад, ки дар ҳар гуна ҳолат ва зери

таъсири ҳар гуна низоми сиёсӣ арзи ҳастӣ намудаанд. Мавҷудият ва фаъолияти онҳо аз омилҳои миллию эндогенӣ вобастагӣ дорад ва аз ин рӯ ниҳодҳои анъанавӣ моҳиятан аз фарҳанги миллӣ ва боварҳои мардуми кишвар сарчашма мегиранд. [6-М]

10. Дар шароити Тоҷикистон созмонҳои ғайриҳукуматӣ яке аз ниҳодҳои меҳварии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Доираи фаъолияти ин гуна созмонҳо фарогир аст ва тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад. Дар шароити Тоҷикистон низ раванди инкишофи созмонҳои ғайриҳукуматӣ идома дорад. Функсионалӣ ва самаранок будани ин гуна созмонҳо мавқеи онҳоро дар доираи фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боло бурдааст. Дар ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон нақши воситаҳои ахбори оммаи мустақил низ назаррас аст. [2-М]

11. Дар шароити Тоҷикистон дар самти ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дастовардҳои назаррас вуҷуд доранд. Аммо новобаста аз ин омилҳое низ ҳастанд, ки дар самти таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвар монеъ мегарданд. Дар замони муосир омилҳои мухталифи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ метавонанд дар роҳи ташаккул, инкишоф ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиргузор бошанд. Надоштани таҷрибаи кофӣ дар давлатдорию давлатсозии демократӣ низ яке аз масъалаҳоест, ки ба ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон монеа эҷод менамояд. Мутаассифона дар ягон марҳилаи таърихи сиёсии пешгузаштагони мо мардум ҳамчун манбаи ҳокимият дониста нашудаанд. [4-М]

12. Дар шароити Тоҷикистон унсурҳо ва арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на он қадар пурқувватанд. Онҳо алҳол дар ҳолати ташаккул қарор доранд ва табиист, ки ба бисёр душвориҳо ва ноҳамвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Дар шароити имрӯза бо вуҷуди тарҳҳои амалӣ ва таҷрибаҳои дигар ҷомеаҳо раванди бунёд ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандиро метавон дар як муддати нисбатан кӯтоҳ таъмин намуд. Чунин ҳолат бештар аз рушди фарҳанги сиёсии мардум, фароҳамсозии шароит барои фаъолияти ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ, дастгирии онҳо, тарбияи рӯҳияи тараққипарварӣ ва инсонмеҳварӣ дар шаҳрвандон ва дигар омилҳои мусоидаткунанда вобаста аст. [4-М]

**II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Дар шароити имрӯза тасаввуроти пурра ва саҳеҳ перомуни мафҳум ва моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ миёни мардуми мо шакл нагирифтааст. Хусусан, то ба ҳол мушоҳида мегардад, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ғолибан чун як ҷомеаи рӯёӣ ё худ идеалӣ тасаввур карда мешавад. Гурӯҳе аз мардум чунин тасаввур доранд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ як ҳадафе аст, ки пас аз бунёди як ҷомеаи худкифо ва аз ҷиҳати моддию маънавӣ пешрафта ба он метавон мушарраф шуд. Албатта, чунин тасаввур ба дарки ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун як механизми ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ ва таҳкимбахши низоми демократӣ ва идораи хуб (good governence) метавонад

таъсири манфӣ гузорад. Аз ин рӯ, зарур аст дарки он ҷиҳати мафҳум ва моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият бахшида шавад, ки он як механизми ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ буда, самаранокияш аз фаъолнокии мардум бастагӣ дорад. Танҳо дарки дурусти мафҳум ва моҳияти ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад саҳмгузории мардумро дар рушди он боло барад. Дар рисола ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса равона карда шудааст ва хусусан он нуқта бештар мавриди таъкид қарор гирифтааст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ як воқеият, як механизми муҳимми ҳалли масъалаҳо ва маҷмӯи ниҳодҳои мухталифи ғайриҳукуматӣ аст.

2. Ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳои замонӣ ва ҳолати рушди сиёсӣ сурат гирифтааст. Дар ҳама давру замон ниҳодҳои анъанавии ҷомеаи шаҳрвандӣ миёни мардуми форсу тоҷик амал менамуданд. Муаллиф ошкор намудааст, ки дар шароити Тоҷикистон ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба системаи сиёсии кишвар таъсири назаррас гузоштаанд, ки ҳам хосияти мусбат ва ҳам хосияти манфиро доро мебошад. Муносибати миёни мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тамоюл ба ҳамкорӣ ва ҳамоҳангиро дорад. Онро бояд ҳамаҷониба вусъат дод;

3. Баррасии васеи мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад барои дарки паҳлуҳои мухталифи он муҳим бошад. Дар шароити имрӯза ҷомеаи шаҳрвандӣ хосияти плюралистӣ дошта, дар таркиби он ниҳодҳои мухталифи ҷамъиятӣ барои бароварда сохтани манфиат ва ҳадафҳои худ амал мекунанд. Ин ҷиҳати масъала баёнгари он аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ як падидаи якнавохт набуда, ҳатто дар таркиби он ҷиҳатҳои барои давлат ва ҷомеа хатарнок низ метавонад зуҳур намояд. Хусусан истифодаи абзории ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби қудратҳои бузург ҳамчун нерӯи нарми амалисозии сиёсати хориҷӣ, ё худ фаъолияти низоъангези бархе аз ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои амният ва суботи сиёсии як давлат метавонад хатарзо бошад. Намунаи чунин ҳолат аз фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон мисол оварда шудааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баҳогузории доимии фаъолияти унсурони ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим мебошад.

4. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун механизми муҳимми ҳалли мушкилоти мухталифи ҷамъиятӣ баромад менамояд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад ҳамчун фазои муттаҳидшавии ташаббусҳои шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ баромад намояд. Дар рисола ошкор карда шудааст, ки саҳми ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун агенти таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти мухталиф дар ҷамъият бузург аст. Зарур аст, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун унсури муҳимми тағйирот ва таҳаввулот дар Тоҷикистон эътироф карда шаванд. Истифодаи иқтидори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон метавонад ба манфиати кор бошад. Хусусан фаъолгардонии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти мубориза бо зуҳуроти номатлуб, боло бурдани маънавиёти ҷавонон, тавонбахшии

қишри ниёзманди аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳандагӣ дар низоми идораи давлатӣ ва ғайра метавонад муҳим бошад.

5. Дарки муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ шинохти он ҳамчун маҷмӯи ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ аст. Ошкор карда шудааст, ки хосияти муҳимми ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон гуногунии таркибию ниҳодии он ташкил медиҳад. Ташаккул ва рушди заминаи ниҳодии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон зери таъсири омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ сурат гирифтааст. Дар шароити Тоҷикистон ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷамъиятию сиёсӣ нақши муҳим доранд;

6. Ба ҳам мухолиф гузоштани давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳеҷ сурат ба манфиати ҷомеа намеанҷомад. Дар ҳама сурат фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба манфиати мардуми кишвар равона гардидааст, ба давлат таъсири манфӣ намегузорад. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо фаъолияти хеш метавонанд дар ҳалли масъалаҳои мухталиф ва ба роҳ мондани идоракунии самаранок дар ҳудуди давлат саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон дар минбаъда ҳам тақвият бахшида шавад, зеро дар ин сурат боварӣ ва эътимоди ҳамдигарӣ миёни онҳо боло меравад. Тақвияти эътимоди байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар навбати худ метавонад заминаи мусоиде барои рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардад.

## ИНТИШОРИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1–М. Ҳошимова Н.А. Махсусиятҳои назарияи ҷомеаи маданӣ дар замони муосир [Матн] / Н.А. Ҳошимова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ – 2020. – № 2 (83). – С. 148–156. ISSN 2411-1945.

2–М. Ҳошимова Н.А. Нақши ҷомеаи маданӣ дар ҳалли мушкилоти ҷамъиятӣ [Матн] / Н.А. Ҳошимова, Ш.Х. Солиев // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – № 3 (011). – С. 158–162. ISSN 2076–2569.

3–М. Ҳошимова Н.А. Нақши ҷомеаи маданӣ дар муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм [Матн] / Н.А. Ҳошимова, Ш.Х. Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 4. – С. 298–304. ISSN 2413–5151.

4–М. Ҳошимова Н.А. Масъалаҳои таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистони муосир [Матн] / Н.А. Ҳошимова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2022. – № 3 (92). – С. 154–161. ISSN 2411–1945.

5–М. Ҳошимова Н.А. Баъзе ҷанбаҳои назариявии муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / М.А. Акмалова, Н.А.

Ҳошимова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2023. – № 1 (94). – С. 102–109. ISSN 2411-1945.

6–М. Ҳошимова Н.А. Хусусиятҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.А. Ҳошимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023 – № 2. – С. 313–319. ISSN 2413–5151.

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо**

7–М. Хошимова Н.А. Роль молодежи в развитии гражданского общества [Текст] / Н.А. Хошимова, М.А. Акмалова // Материалы международной научно-практической конференции “Местное самоуправление в Таджикистане” (27-28 феврали соли 2014). – Душанбе, 2014. – С. 63–65.

8–М. Хошимова Н.А. Взаимодействие государственной власти с институтами гражданского общества [Текст] / Н.А. Хошимова, М.А. Акмалова // Материалы международной научно-практической конференции “Взаимодействие государственной власти с гражданским обществом в Республике Таджикистан” (14-15 октябри соли 2014). – Душанбе, 2015. – С. 49-54.

9–М. Хошимова Н.А. К вопросам о роли семьи в гражданском образовании [Текст] / Н.А. Хошимова // Материалы республиканской конференции на тему «Здоровая семья – здоровое общество». – Душанбе, 2015. – С. 253–261.

10–М. Ҳошимова Н.А. Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мустаҳкам намудани истиқлолияти давлатӣ [Матн] / Н.А. Ҳошимова // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 92–95.

11–М. Ҳошимова Н.А. Таҳлили назариявии таносуби давлат ва ҷомеаи маданӣ [Матн] / Н.А. Ҳошимова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии онлайн таҳти унвони “Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ”. (23-24 октябри соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 174- 178.

.

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳошимова Наргиса Абдуҷабборовна дар мавзуи “Ҷомеаи шаҳрвандӣ: ташаккул ва инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Калимаҳои калидӣ:** ҷомеаи шаҳрвандӣ, системаи сиёсии демократӣ, давлат, давлати ҳуқуқбунёд, системаи сиёсӣ, модернизатсия, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, озодӣ, масъулият, ниҳодҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, демократикунонии ҷомеа

Мақсади асосии таҳқиқотро омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолнокии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани монеаҳо ва мушкилоти самти мазкури муносибатҳо ва пешниҳоди тарҳи мусоиди ҳамкории ниҳодҳои таркиботии сохтори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил менамоянд.

Ба сифати асосҳои методологӣ дар раванди таҳқиқот аз муносибатҳои системавӣ, таърихӣ, таҳлилӣ ва синергетикӣ истифода шудааст. Инчунин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз методҳои анализ ва таҳлил, индуксия ва дедуксия, муқоисавӣ, контент-анализ, методи миқдорӣ ва сифатӣ низ ба таври мақсаднок истифода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои муҳаққиқони илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи кишварҳои гуногуни олам, бахусус, муҳаққиқони русзабон ва пажӯҳишгарони тоҷик ва дигарон, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯ овардаанд, такя намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқотро масъалаҳои назариявию методологии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ошкор намудани проблемаҳои асосии таҳқиқотии он дар назарияи муосири сиёсӣ; хосиятҳои умумӣ ва махсуси ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир, муайян намудани тарзи муносибат ба онҳо; хусусиятҳои асосии воқеияти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон; сатҳи фаъолнокии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва самаранокии онҳо; ҳолатҳои таъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба инкишофи системаи сиёсӣ; зиддиятҳо ва муқовиматҳои инкишофи унсурҳои таркиботию функсионалии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарёфти роҳҳо ва воситаҳои ҳалли онҳо; тамоюлҳои асосӣ ва дурнамои инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар шароити Тоҷикистон ташкил менамоянд. Ҳамчунин, дарки шароит, раванди ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоюлҳои асосӣ, дурнамои инкишоф ва монеаҳои асосӣ дар роҳи тащкими ҷомеаи шаҳрвандӣ нишон дода шуданд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимяти давлатӣ дар раванди омода намудани консепсияю стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди минбаъдаи ҷомеаи шаҳрвандии кишвар истифода намуд.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Хашимовой Наргисы Абдужаббоwill ровны на тему «Гражданское общество: его становление и развитие в Республике Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 - Политические институты, процессы и технологии**

**Ключевые слова:** гражданское общество, демократическая политическая система, государство, правовое государство, политическая система, модернизация, неправительственные организации, свобода, ответственность, институты, общественные объединения, демократизация общества

Основная цель исследования – изучить и проанализировать особенности становления, развития и деятельности гражданского общества в Республике Таджикистан, выявить препятствия и проблемы в этом направлении и предложить соответсвующую модель взаимодействия составляющих институтов государственного устройства и гражданского общества.

В качестве методологической базы в исследовательском процессе использовались системные, исторические, аналитические и синергетические подходы. Также в диссертационном исследовании целенаправленно использовались методы анализа и синтеза, индукции и дедукции, сравнения, контент-анализа, количественные и качественные методы.

В диссертационном исследовании автор больше всего опирается на положения и выводы политологов, видных исследователей разных стран мира, особенно, русскоязычных ученых, таджикских исследователей и других, которые непосредствено уделяли внимание к теме исследования.

Научная новизна исследования заключается в теоретико-методологических проблемах гражданского общества, раскрытии его основных исследовательских проблем в современной политической теории; общие и особенные характеристики формирования и развития гражданского общества в современном мире, определение способов их трактовки; основные характеристики реалии развития гражданского общества в Таджикистане; уровень активности институтов гражданского общества и их эффективность; случаи влияния институтов гражданского общества на развитие политической системы; противоречия и препятствия в развитии структурно-функциональных элементов гражданского общества в Республике Таджикистан, поиск путей и средств их разрешения; основные тенденции, перспективы развития и основные препятствия на пути укрепления гражданского общества.

Основные положения, выводы и практические рекомендации исследования могут быть использованы в работе отдельных государственных органов в процессе подготовки концепций и стратегий дальнейшего развития и целевых программ активизации гражданского общества.

## ANNOTATION

**on the abstract of the dissertation of Hoshimova Nargisa Abdujabborovna on the topic "Civil society: its formation and development in the Republic of Tajikistan" for the academic degree of candidate of political sciences in specialty 23.00.02 - Political institutions, processes and technologies**

**Key words:** civil society, democratic political system, state, jural state, political system, modernization, non-governmental organizations, freedom, responsibility, institutions, public associations, democratization of society

The main purpose of the research is to study and analyze the features of the formation, development and activities of civil society in the Republic of Tajikistan, identify obstacles and problems in this direction and propose an appropriate model for the interaction of the constituent institutions of the state system and civil society.

Systematic, historical, analytical and synergetic approaches were used as a methodological basis in the research process. Also in the dissertation research, methods of analysis and synthesis, induction and deduction, comparison, content analysis, quantitative and qualitative methods were purposefully used.

In the dissertation research, the author relies more on the provisions and conclusions of political scientists, prominent researchers from around the world, especially Russian-speaking scientists, Tajik researchers and others who directly paid attention to the research topic.

The scientific novelty of the research lies in the theoretical and methodological problems of civil society, the disclosure of its main research problems in modern political theory; general and special characteristics of the formation and development of civil society in the modern world, determining the ways of their interpretation; the main characteristics of the reality of the development of civil society in Tajikistan; the level of civil society institutions actirity and their effectiveness; cases of influence of civil society institutions on the development of the political system; contradictions and obstacles in the development of structural and functional elements of civil society in the Republic of Tajikistan, searching for ways and means to resolve them; main trends, development prospects and main obstacles to strengthening civil society.

The main provisions, conclusions and practical recommendations of the study can be used in the work of individual government bodies in the process of preparing concepts and strategies for further development and targeted programs for the activation of civil society.

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ПРАВА, БИЗНЕСА И ПОЛИТИКИ**

На правах рукописи

**УДК: 327.74 + 323 (575.3)**
**ББК: 66.01+66.7 (2 тоджик)**
**Х-85**

**ХАШИМОВА НАРГИСА АБДУДЖАББОРОВНА**

# ГРАЖДАНСКОЕ ОБЩЕСТВО: ЕГО ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

## АВТОРЕФЕРАТ

**диссертации на соискание учёной степени**
**кандидата политических наук по специальности 23.00.02 -**
**Институты, процессы и политические технологии**

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертация выполнена на кафедре политологии Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Акмалова Мунира Абдунабиевна** – доктор политических наук, профессор, декан факультета политологии и международных отношений Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики |
| **Официальные оппоненты:** | **Набизода Ваххоб Машраб** – доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова”<br>**Исаев Умеджон Убайдуллоевич** – кандидат политических наук, дотсент кафедры политологии Таджикского национальног университета |
| **Ведущая организация:** | Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни |

Защита состоится «9» февраля 2024 года в «13 $^{00}$» часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА–001 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15, www.tnu.tj, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. +992 919 60 69 66).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.tnu.tj и в научной библиотеке Таджикского национального университета по адресу 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Автореферат разослан «____» _________ 2024 года

И.о. ученого секретаря
Диссертационного совета,
доктор исторических наук Акрами З.И.

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В современном мире как никогда возросло внимание исследователей и специалистов различных областей социальных наук, особенно политологии, к проблеме гражданского общества. В частности в последние десятилетия проблема формирования и развития различных аспектов деятельности гражданского общества стала одной из самых дискуссионных тем в политической теории и практической политике. Конечно, такая ситуация не случайна и исходит из стремления человечества построить справедливое общество, хорошее и эффективное управление. Также рост интереса к данной теме связано с переходом человечества на новый этап развития, что вызвано не только расширением научно-технической революции, но и повышением в обществе роли демократических институтов. В современных постиндустриальных странах отчетливо проявляется тенденция к повышению роли гражданского общества в различных сферах общественной жизни, особенно в политической. Поэтому изучение этого опыта другими странами и в частности формирования и развития гражданского общества в новых независимых государствах привлекло внимание исследователей, и в частности политологов. Важность роли гражданского общества в политическом развитии постсоветских стран стала одной из дискуссионных тем для исследователей. Различные аспекты этого вопроса, и особенно важность роли гражданского общества в развитии политической системы общества и укреплении демократического строя, обсуждались и оценивались в различных уровнях исследователями и экспертами политических наук. В современных условиях демократическая политическая система признается пространством, в котором обеспечивается свободное развитие и гарантируется реальное соблюдение прав и свобод человека и гражданина. Поэтому исследование вопросов формирования и развития гражданского общества как важного механизма процесса демократизации общества и укрепления демократических элементов приобрело большое научное и практическое значение.

